آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

23 октябри соли 2024 Чоршанбе № 85 (15096)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

САМТҲОИ МУҲИМИ ИҚТИСОДИЁТ ТАҲЛИЛ ГАРДИДА, ИМКОНОТИ ИЛОВАГӢ МАЪЛУМ КАРДА ШУД

Президент Шавкат Мирзиёев 22 октябр оид ба масъалаҳои маҳаллигардонӣ, рушди шарикии давлативу хусусӣ, ҷалби сармояҳои хориҷӣ ҷамъомад баргузор намуд.

Дар ин самтҳо, ки иқтисодиётро таҳрик мебахшанд, корҳои зиёд анҷом дода мешаванд. Дар ҳафт соли охир ба мамлакатамон беш аз 78 миллиард доллар сармояи хориҷӣ ворид гардид. Дар бораи шарикии давлативу хусусӣ қонун қабул гардид, беш аз ҳазор лоиҳа ба кор андохта шуд. Истеҳсоли 1800 намуди маҳсулот ба роҳ монда шуд. Ҳамзамон ҳанӯз имконот хеле зиёд аст. Дар ҷамъомад ҳар яке аз ин самтҳо таҳлил ва ба имконоти иловагӣ ишора гардид.

Ҳоло дар тамоми соҳаҳо 366 лоиҳаи калон ба қимати 140 миллиард доллар татбиқ мегардад. Дар чорчӯбаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҳар сол таҷҳизот, ашёи хом ва масолеҳи сохтмон ба миқдори 15 миллиард доллар ворид карда мешавад. Таъкид шуд, ки дар ҳар як лоиҳа саҳми маҳсулоти маҳаллиро зиёд кардан мумкин аст.

Чунин имконотро соҳаҳои калони мамлакатамон низ дорад. Барои мисол, бинобар барномаи рушди соҳаи энергетика то соли 2030 164 объекти энергетикии 36 миллиард долларина сохта мешавад. Аз он 88-тоаш дар асоси шарикии давлативу хусусӣ мебошад.

Дар саноати маъдани кӯҳӣ инчунин барнома ба қимати 1 миллиарду 230 миллион доллар қабул гаштааст. Ба корхонаҳои калони соҳа дар асоси манфиати тарафайн корхонаҳои маҳаллӣ вобаста карда шудаанд.

Дар саноати автомобилсозӣ инчунин имконоти истифоданашуда зиёд аст. Дар мамлакатҳои ҳамсоя ниёзи солона ба қисмҳои эҳтиётии автомобил 1 миллиард долларро ташкил менамояд.

Таъкид шуд, ки зимни маҳаллисозӣ ба истеҳсоли маҳсулоти рақобатбардор чи аз лиҳози нарх ва чи аз лиҳози сифат ва инчунин афзудани содирот эътибори алоҳида бояд дода шавад.

Ногузирии ташаккули лоиҳаҳои дақиқ бинобар ин самтҳо ва ба натиҷа табдил додани имконот таъкид шуд. Пешниҳодот оид ба рушди ҳамкории байни соҳаҳои саноат ва минтақаҳо, афзудани саҳми маҳсулоти ватанӣ ва хидматрасонӣ дар харидҳои давлатӣ иброз гардиданд.

Чанде пеш лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба миқдори 30 миллиард доллар дар асоси шарикии давлативу хусусӣ тасдиқ гардиданд. Аз он ҷумла барномаҳо ба 10 миллиард доллар дар соҳаи нақлиёт, 6 миллиард доллар дар соҳаи иҷтимоӣ ва 5 миллиард доллар дар ҷанбаи коммуналӣ пешбинӣ мегардад.

Вазифаҳо оид ба ҷалби сармоягузорон ба ин лоиҳаҳо ва босамар харҷ намудани маблағ муайян карда шуданд.

Дар ҷамъомад инчунин суръати сармояҳои хориҷӣ ва нақшаҳои оянда баррасӣ гардиданд.

Дар нӯҳ моҳи соли ҷорӣ 23 миллиарду 660 миллион доллар сармояи хориҷӣ ворид гардид. Инчунин 120 объекти калони истеҳсолкунанда ба қимати 4 миллиарду 600 миллион доллар ба кор даромад.

Ин суръат то охири сол нигоҳ дошта мешавад. Ҳамин тариқ, интизор меравад, ки миқдори умумии сармояи хориҷии ҷалбгардида дар солҳои 2017–2024 аз 100 миллиард доллар зиёд мегардад.

Дар ҷамъомад шахсони масъул дар бораи нақшаҳои иҷрои вазифаҳои гузошташуда маълумот доданд.

ЎзА.

ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР ҶАМЪОМАДИ МАМЛАКАТҲОИ БРИКС ИШТИРОК МЕКУНАД

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бинобар даъвати Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин 23-24 октябр барои иштирок дар чорабиниҳои ҷамъомади давлатҳои иттиҳоди БРИКС бо сафари корӣ ба шаҳри Қазон меравад.

Роҳбари давлатамон дар ҷамъомади умумии чорабинӣ дар андозаи «БРИКС ҷамъ», ки зери раисии ҷониби Русия баргузор мегардад, суханронӣ мекунад.

Дар рӯзномаи маҷлис масъалаҳои вусъат додани ҳамкории байналхалқӣ бо мақсади таъмини рушди инклюзив ва босубот дохил шудааст. Инчунин ҷанбаҳои муҳими сиёсати ҷаҳонӣ баррасӣ мегарданд.

Гайр аз ин бинобар барномаи боздид баргузор намудани мулоқотҳои дуҷониба пешбинӣ мегарданд.

Иттиҳоди БРИКС соли 2006 таъсис ёфтааст. Ҳоло Бразилия, Русия, Ҳиндустон, Чин, ҶАҶ, АМА, Эрон, Миср ва Эфиопия аъзои он ба шумор мераванд.

ЎзА.

Дар тамоми гӯшаву канори кишварамон ба интихоботи намояндагони мардумӣ ба Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис ва шӯроҳои маҳаллӣ, ки 27 октябри соли 2024 баргузор хоҳад гашт, омодагии ҳамаҷониба дида шудааст.

27 ОКТЯБР – РӮЗИ ИНТИХОБОТИ ДЕПУТАТҲОИ ПАЛАТАИ ҚОНУНГУЗОРИИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ШӮРОҲОИ МАҲАЛЛӢ

ИНТИХОБОТ 2024 27 ОКТЯБР

ИНТИХОБИ МАН-ВАТАНИ ОБОДАМ

ОМОДАГӢ БА ИНТИХОБОТ ЧӢ ХЕЛ АСТ?

Комиссияҳои итихоботӣ дар маҳалҳо хеле фаъол буда, дар сатҳи баланд баргузор сохтани ин чорабинии муҳими сиёсиро аз вазифаҳои аввалиндараҷаи худ медонанд. Дар гӯшаҳои дурдасти ҷумҳурӣ низ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ин маъракаро дар сатҳи баланд баргузор шавад.

Аз ҷумла, дар ҷа-моати шаҳрвандони маҳаллаи «Кӯл»-и ноҳияи Шаҳрисабз вилояти Қашқадарё ба интихоботи навбатии ҳизбҳои сабтиномшудаи кишвар, намояндагони мардумӣ ба Палатаи қонунгузорӣ ва шӯ-роҳои маҳаллии депутатҳо комилан омода шудаанд. Дар ин мавзеъ бунгоҳи интихоботии рақами 920 ҷой гирифтааст, ки шомили ҳавзаи интихоботии рақами 58-и ноҳияи Шаҳрисабз мебошад. Ин бунгоҳ аз маркази ноҳия 85 километр дур буда, дар маҷмӯъ 785 шаҳрванд дорад, ки ба ҳуқуқи овоз додан соҳибанд.

Раиси комиссияи интихоботии маҳаллаи Кӯл Имоммуҳаммад Ҷумъаев (директори дабистони рақами 64) буда, комисссияи тахти роҳбарии ӯ аз нӯҳ узв иборат мебошад. И. Ҷумъаев гуфт, аъзои комиссияро муаллимони пешқадами мактаби рақами 64, кормандони муассисаи томактабии рақами 44 ва аъзои ҳафтгонаи маҳалла ташкил мекунанд. Онҳо пайваста дар ҳаракат буда, ба хонаҳои мардум рафтаву аз нозукиҳои ин маъракаи сиёсӣ суҳан ба миён меоранд, тарғибу ташвиқ мекунанд, ки интихобкунандагон дар интихобот ширкати фаъоле дошта бошанд.

Назар ба таъкиди М. Ҷумъаев, дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Кӯл 340 бонувон умр ба сар мебаранд, ки ҳаққи ширкат дар интихоботро соҳибанд. 300 нафар раъйдиҳандаи бунгоҳро ҷавонони синни аз 18 то 30 сола ташкил медиҳанд.

Бунгоҳи интихоботии рақами 920 дар бинои мактаби рақами 64 ҷой гирифта, мувофиқи дастур ва низоми кории интихобот аз панҷ хона иборат аст, ки як хона барои кормандони тибб ҷудо шудааст. Рӯзи интихобот навбатдори махсуси соҳаи тандурустӣ низ ҳузур хоҳад дошт.

Ду ҳуҷраи овоздиҳӣ ташкил шуда, қуттиҳои махсус низ гузоштаанд, ки варақаҳоро ба он хоҳанд партофт.

Маълум гардид, ки бо қарори комиссияи интихоботӣ 75 адад варақаи интихоботӣ пешопеш ба раъйдиҳандагоне, ки қаблан мурочиат кардаанд, тақсим шудааст ва онҳо бояд пеш аз мӯҳлат овоз диҳанд. Алҳол барои интихоботи пеш аз мӯҳлат 20 шаҳрванд овоз доданд.

Раиси комиссияи интихоботии бунгоҳи рақами 920 таъкид кард, ки ду номзад ба Шӯрои ноҳиявӣ – Мирзоев Зоҳир ва Сафаров Абдумалик бо мардуми деҳаи Кӯл дидору мулоқот баргузор намуданд. Ҳамчунин номзад ба намояндагӣ дар Шӯрои вилоятӣ Машраб Шукуров низ омадаву бо интихобкунандагон вохӯрдааст ва бо барномаи кори худ онҳоро шинос кардааст. Аз байни ҳизбҳои сиёсӣ танҳо намояндаи Ҳизби халқию демократӣ Дилором Имомова бо мардум мулоқот дошт ва ба пурсишҳои интихобкунандагон посуххои сареҳе додааст. Аммо ин дар ҳолест, ки дар маҷмӯъ номзадҳо ба намояндагии мардум ба Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис ва шӯроҳои маҳаллии депутатҳо 14 нафар буда ва шумори ҳизбҳои сиёсӣ, ки дархости овоз доранд, панҷ ададро ташкил мекунад.

И. Ҷумъаев гуфт, дар бунгоҳи интихоботии рақами 920 -и маҳаллаи «Кӯл» кулли мардум рӯҳияи шоде доранд ва омода ҳастанд, ки ин маъракаи муҳими сиёсиро дар сатҳи олӣ доир намоянд.

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори
«Овози тоҷик» дар
вилояти Қашқадарё.

***

Барои пайдо кардани посухи ин савол Бенедикт Вилямс ва Майкл Ҳаусман, нозирони дарозмуддати Созмони амният ва ҳамкории Аврупо (САҲА) ба комиссияи ҳудудии интихоботии вилояти Фарғона ташриф оварданд. Онҳо бо рафти тайёрӣ ба интихоботи қарибулвуқӯъ барои Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис ва шӯроҳои маҳаллӣ аз наздик ошно шуданд. Дар ин бора дафтари матбуоти комиссияи ҳудудии интихоботии вилоят хабар медиҳад.

Дар ҷараёни мулоқот гуфта шудааст, ки дар саросари вилоят 1 ҳазору 210 ҳавзаи интихоботӣ таъсис ёфта, ҳайати комиссияҳои он пурра тасдиқ карда шудаанд. Дар айни ҳол дар ҳамаи ҳавзаҳо тайёрӣ барои баргузории интихобот беш аз пеш вусъат ёфтааст. Таъкид гардидааст, ки раванди овоздиҳии пеш аз мӯҳлат низ дар тамоми шаҳру ноҳияҳои вилоят муваффақона идома дорад.

Зимни мулоқот қайд гардидааст, ки варақаҳои барои овоздиҳии пеш аз мӯҳлат ҷудошуда аз ҳисоби умумии интихобкунандагон 10 фоизро ташкил додааст ва онро ба ҳавзаҳои интихоботӣ фиристодаанд. Нозирони байналмилалӣ Бенедикт Вилямс ва Майкл Ҳаусман дар бораи вазифаҳои комиссияҳои интихоботии вилоятӣ, ноҳиявӣ, ноҳиявӣ-шаҳрӣ ва ҳавзавии интихоботӣ, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва бехатарӣ дар қитъаҳои интихоботӣ дар рӯзи интихобот, шароитҳои барои маъюбон мухайёгардида низ маълумоти муфассал гирифтанд.

Гуфта мешавад, ки вохӯрӣ дар вазъияти самимона ва дӯстона, иборат аз саволу ҷавоб гузашт. Нозирони байналмилалӣ аз ин мулоқот қаноат ҳосил карданд. Ногуфта намонад, ки тибқи маълумоти комиссияи ҳудудии интихоботӣ то имрӯз дар вилоят 33 ҳазору 942 интихобкунанда аз овоздиҳии бармаҳал истифода карданд. Ҳар як интихобкунанда аз ҳуқуқи овоздиҳии пеш аз муҳлат дар асоси аризае истифода мебарад, ки сабабҳои он пурра ба комиссияи минтақавӣ маълум карда шудааст.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири
«Овози тоҷик».
Вилояти ФАРҒОНА.

ЗАБОН РАМЗИ ҲАСТИИ МИЛЛАТ АСТ

Забон рамзи ҳастӣ, ҳамҷиҳатӣ, фахри миллат мебошад. Ҳар сол дар кишварамон бо ташаббуси Президент Ш.Мирзиёев Рӯзи забони давлатӣ бо шукӯҳи идона қайд мегардад. Имсол ҳам ин ид чун анъана аз субҳи 21 октябр бо гул гузоштани вакилони Маъмурияти Президент, Девони Вазирон ва дигар мутасаддиёни вазорату идораҳо, нависандагону шоирон, олиму донишҷӯён ба пояи ҳайкали Алишер Навоӣ оғоз гардид. Зеро дар равнақу мақоми устувори забони ӯзбекӣ хидмати шоир, мутафаккири бузург Алишер Навоӣ хеле калон аст.



Ба муносибати 35-солагии мақоми давлатӣ гирифтани забони ӯзбекӣ дар Қасри анҷуманҳои пойтахт барномаи адабию маърифатӣ баргузор гардид.

Дар он табрики Президент Шавкат Мирзиёев ба муносибати иди Рӯзи забони давлатиро мушовири Президент Хайриддин Султонов ба самъи иштирокчиён расонид.

Дар чорабинӣ масъалаҳои сол аз сол баланд бардоштани нуфузи забонро тавассути видеороликҳо намоиш доданд. Зикр гашт, ки аз минбарҳои байналхалқиву вохӯриҳои миқёси ҷаҳонӣ дар кишварҳои тараққиёфтаи дунё бо забони давлатӣ ҳарф задани Президент Ш.Мирзиёев тасдиқи эътибори ҷудогона ба забони давлатӣ аст.

Дар монитор нишон додани фаъолияти яке аз намояндагони ҳаракати ҷадидӣ – Саидризо Ализода, донандаи 14 забон, кӯшишу ҳаракати ӯ дар равнақи забон, чопи рӯзномаву китобҳои дарсӣ тавассути видео ва намоиши лавҳа аз спектакли «Шабҳои берӯз»-и Усмон Азим ба иштирокчиён таассуроти калон гузошт.

Алҳол назди Донишгоҳи давлатии забон ва адабиёти ӯзбеки ба номи Алишер Навоӣ маркази омӯзиши асосҳои корбарӣ ба забони давлатӣ ва такмили ихтисос ташкил шудааст. Донишандӯзони марказ ва як қатор вакилони хориҷие, ки дар фаъолияти худ ба омӯхтани забони ӯзбекӣ ниёз пайдо кардаанд ва аз ин хидмати марказ баҳра бардоштаанд, миннатдории худро бо забони ӯзбекӣ баён намуданд.

– Ҳамчун варзишгар омӯхтани забони давлатиро зарур меҳисобам, – мегӯяд Светлана Осипова, таэквандочӣ, соҳиби медали нуқраи Бозиҳои олимпӣ. – Ҳар вақт дар мусобиқаҳои байналхалқӣ танинандозии мадҳияи кишварамон ҳаяҷони маро дучанд мегардонад. Бо тамоми ҳиссиёти ватандӯстонаи худ аз хондани мадҳияву донистани забони давлатӣ худро бахтиёр ҳис мекунам.

Суруду рақсҳои бо мавзӯъ ва мазмуни худ ба тараннуми забон ҳамоҳанг, аз ҳар ҷиҳат ба иштирокчиёни манзур шуд. Махсусан, аз бойгонӣ гузоштани порчаҳои сурудҳои нотакрори Маъмурҷон Узоқов, Комилҷон Отаниёзов, Таваккал Қодиров, Тамарахонум, Ботир Зокиров ва Шералӣ Ҷӯраевро иштирокдорон бо кафкӯбиҳо пазируфтанд.

Баромади актёрон дар симои Алишер Навоӣ, Заҳириддин Муҳаммад Бобур, Муҳаммадризо Огаҳӣ, Чӯлпон ва тавассути порчаҳои шеърӣ намоён кардани сайқали забони давлатӣ диққатҷалбкунанда буд.

– Барномаи консертӣ аз ҳар ҷиҳат гуворо ташкил гардидааст, – гуфт раиси Маркази миллӣ-маданнии ҷумҳурии тоҷикони Ӯзбекистон Гуландом Субҳонова. – Дар он бо суруду рақсҳои дилошӯб иштирок кардани марказро алоҳида қайд намуданиам. Зеро дар ҳар як чорабинии давлатӣ намояндагони гуногуни марказҳо, аз ҷумла, маркази мо низ бо баромадҳои худ иштирок мекунанд.

Қироати намунаи шеърҳо аз ҷониби вакилони кишварҳои гуногун ва миллатҳое, ки дар кишварамон зиндагиву фаъолият мебаранд, ҳурмату эътирофи самимӣ нисбати забони давлатиро инъикос намуданд.

Тантанаҳои идона бахшида ба таҷлили иди забони давлатӣ дар саросари кишварамон бо шукӯҳи хоса идома дорад.

Гулҷаҳон КАБИРОВА,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

Суратгир:
А. АЛИҶОНОВ (ЎзА).

СОБИҚАДОРОНИ ФИДОӢ

Шӯрои собиқадорони шуъбаи корҳои дохилии ноҳияи Шофиркон чун анъана ба ҳурмату эҳтироми собиқадорони меҳнат эътибори махсус медиҳад.

Алҳол дар мамлакати мо ба куҳансолон, беҳтар кардани шароити зист ва ҳифзи саломатии онҳо ҳамаҷониба ғамхорӣ зоҳир карда мешавад. Ҳоло дар Шофиркон 535 нафар собиқадороне, ки дар соҳаи корҳои дохилӣ фаъолият нишон дода, ба нафақа баромадаанд, умр ба сар мебаранд. Онҳо имрӯз ҳам дар маҳаллаҳои гуногуни ноҳия фаъолияти худро идома медиҳанд. Аз ҷумла 4 нафар раиси маҳалла, 6 нафар ҷонишини раис, 2 нафар ҳуқуқшинос-адвокат, 6 нафар омӯзгор, 9 нафар фермер, қариб 80 нафар соҳибкор ва корманди идораи давлатӣ мебошанд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки солҳои 1975–1991 дар ҳудуди ноҳия ҷамъ 6 инспектори қитъа фаъолият дошт. Ба ҳар як нозири қитъа лозим меомад, ки дар ду хоҷагии ҷамоавӣ байни 18-20 ҳазор нафар аҳолӣ кор барад, 25-30 километр роҳро тай кунад. Ба шуъбаи корҳои дохилии ноҳия рӯзе як автомобил аз хоҷагиҳои ҷамоавӣ омада навбатдорӣ мекард. Ба ҷойи воқеа саривақт расидан осон набуд. Ҳарчанд мушкилиҳо ҷой доштанд, кормандони соҳа собиқадорони имрӯзаи меҳнат баҳри кушодани гирехи ҷиноятҳо саъй мекарданд. Охири сол дар ноҳия танҳо як ё ду ҷиноят сарбаста (нокушода) мемонд.

Ба туфайли масъулияттшиносии кормандони шуъба Бӯрӣ Ҳамдамов, Турсун Султонов, М. Мустақимов, Эгам Зойиров, Телмон Қурбонов, Исмоил Нурмуродов, Ҷумъа Шоев, Рустам Носиров гирехи қонуншиканиҳо боз гардида, онҳо сазовори мукофоти давлатӣ ва Вазорати корҳои дохилӣ шудаанд.

Ҳоло бо ташаббуси Президент масъалаи ғамхорӣ ба куҳансолон ва собиқадорони меҳнат ба равияи устувори сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Солҳои сипаришуда мақомоти корҳои дохилӣ роҳи пуршарафро тай карда, ба сохтори хидматрасони манфиатҳои мардум мубаддал шуд, дорои воситаҳои моддию техникавии муосир ва кадрҳои соҳибилму соҳибтаҷрибаи касбӣ гардид. Имрӯз барои хидмати самараноки кормандони соҳа имконияту шароитҳои хуб фароҳам оварда шудаанд. Солҳои охир барои ба манзил таъмин кардани кормандони соҳа корҳои зиёди эҷобӣ татбиқ мешаванд.

Дар ноҳия қариб 50 автомобил ба кормандони хидмати профилактика хидмат мекунад. Ин имконият медиҳад, ки осоиштагии мардуми маҳалҳо табъи дил ҳифз карда шавад.

Мувофиқи қарори Девони Вазирон аз 27 сентябри соли 2019 ҳар сол ҳафтаи аввали моҳи октябр «Ҳафтаи куҳансолон» гузаронида мешавад, дар ин асос як қатор чорабиниҳо, аз қабили хабаргирӣ аз ҳоли пирамардон, нафақахӯрони танҳо, ҳал кардани муаммоҳои иҷтимоии онҳо, ташкил намудани мулоқоту суҳбат, вохӯриҳои «Се авлод» ва ғайра сурат мегиранд.

Роҳи зиндагӣ – рӯзгори собиқадорони меҳнат, ҳаёти ибратбахши нуроният соҳа, садоқату ватандӯстии онҳо барои ҷавонон, аз ҷумла кормандони имрӯзаи соҳа намунаи ибрат мебошад.

Ботир СОЛИЕВ,
раиси Шӯрои собиқадорони меҳнати шуъбаи корҳои дохилии ноҳияи Шофиркон.

Бо ҳамкории вазоратҳои нигаҳдории тандурустӣ, таълими томактабӣ ва мактабӣ, касбу ҳунар ва миёнаи махсус, мақомоти идораи шаҳрвандӣ дар назди маҳалла, поликлиникаҳои оилавӣ ва муассисаҳои таълимӣ бо мақсади дар байни аҳолӣ бо тартиби нав ва роҳҳои таъсирбахш тарғибу ташвиқ кардани тарзи ҳаёти солим «Мактаби саломатӣ» ба фаъолият шурӯъ намудааст.

Фаъолияти ҷамоавии мактаби мазкур бобати мустаҳкам намудани саломатии репродуктивии аҳолӣ, назорати мунтазами хидмати босифати патронажӣ ва профилактикӣ аҳамияти муҳим дорад. Асоси онро хидмати патронажӣ ташкил медиҳад. Дар ин бобат мо бо саршифокори поликлиникаи оилавии рақами 65-уми ноҳияи Янгиҳаёти шаҳри Тошканд Дилобар КАРИМОВА суҳбат оростем.

ҲИФЗИ САЛОМАТИИ АҲОЛӢ — АСОСИ БУНЁДИ ҶОМЕАИ СОЛИМ

– Дилобар Каримова, табиист, ки дар мавзеи нав поликлиника, муассисаҳои томактабию мактабӣ, дорухонаю дигар нуқтаҳои савдо барпо мегарданд. Мизоҷони нав бо бемориҳои мухталиф муроҷиат мекунанд. Албатта, оғози кор душвориҳоро пеш меоварад. Ҳамин тавр?

– Бале, ҳар як кор дар ибтидо мушкилиҳои ба худ хос дорад. Сокинони ин мавзеъ аксарият аз вилоятҳо, ноҳияву шаҳрҳои ҷумҳуриамон иборатанд. Ба мо бо касалиҳои гуногун муроҷиат мекунанд. Дар ин мавзеъ 320 нафар ногироҳои гурӯҳи I, II, III буду бош доранд.

– Ёрии патронажӣ – кумаки тиббӣ ба оилаҳои қисми эҳтиёҷманди аҳолӣ буда, аз саломатии ҳар як узви оила, куҳансолон, кӯдакон, занони ҳомила хабардор шудан, тарзи ҳаёти солимро тарғиб намудан аст. Аз ёрии патронажии поликлиника баъзе куҳансолон норозигӣ баён менамоянд. Фикри шумо дар ин хусус?

– Ёрии патронажӣ сари вақт пешгирӣ кардани бемориҳои гуногунро таъмин мекунад, ҳамшираҳои патронажӣ дасти рости шифокор гӯем, хато намекунем. Онҳо ба хонаи ҳар як бемор рафта, бемории ӯро муайян намуда, дар асоси ташхиси шифокор ба муолиҷа мепардозанд. Албатта, табиати инсон чунин аст, бидуни фаровон ва сабуктар гардидани шароити зист, ба ҷойи шукргузорӣ ҳастанд шахсоне, ки доимо камбудӣ мечӯянд. Ин нуқсон дар ҳамаи соҳаҳо ба назар мерасад. Ҳамшираҳои патронажӣ Малоҳат Тиллоева, Шаҳноза Ӯрозалиева, Муҳаббат Бобоева ва дигарон ба касби худ бо масъулият муносибат мекунанд.

Дар «Мактаби саломатӣ» шифокори умумӣ, ҳамшираи патронажӣ, фаъолони маҳалла, масъулон доир ба корҳои маънавиву маърифатӣ ва шифокори муассисаи таълимӣ ҳамчиҳатона фаъолият мебаранд. Ҳангоми таҳлили тарзи ҳаёти ҳар як хонавода оилаҳои эҳтиёҷманд маълум мегарданд.

– Назар ба маълумоти коршиносони созмони умумҷаҳонии ҳифзи тандурустӣ 85 фоизи саломатии инсон ба тарзи ҳаёти ӯ ва муҳити атроф, 15 фоизи боқимонда ба омилҳои ирсӣ вобаста будааст, – фикрашро идома медиҳад ҳамсуҳбати мо. – Дар мамлакатҳои рушдёфта ба тарғиби тарзи ҳаёти солим эътибори алоҳида дода мешавад. Бо ташаббуси Вазорати нигаҳдории тандурустии ҷумҳурӣ дар маҳаллаҳо видеоанҷуманҳо ташкил ва мутахассисони соҳа, ҳамшираҳои патронажӣ, фаъолони маҳалла ба навгонӣ ва усулҳои нави кор хабардор карда мешаванд. Ҳолатҳои мазкур тақозо менамоянд, ки ба воситаи «Мактаби саломатӣ» корҳои тарғиботӣ пурзӯр карда шаванд.

Вақте мо бо саршифокор суҳбат мекардем, гинекологи поликлиника Ӯғилой Бобоева ба суҳбати мо ҳамроҳ шуд.

– Бино ба маълумоти Созмони умумҷаҳонии тандурустӣ панҷ фоизи тифлон бо касалии модарзодӣ ва ирсӣ ба дунё меоянд. Дар давраи ҳомила истеъмоли нодурусти хӯрок ва доруҳо, аз сар гузарондани бемориҳои гузаранда, норасоии йод, шамолхӯрӣ, вайроншавии асаб омилҳои асосии чунин ҳолатҳо мебошанд, – гуфт Ӯ. Бобоева. – Баъзан хушдоманҳо ба маданияти табобати замонавӣ риоя намекунанд. Имкон намедиҳанд, ки арӯси ҳомила ё тифли навзод зуд-зуд ба қабули шифокор равад. Дар натиҷа касалии онҳо авҷ гирифта, ба ҳолатҳои нохуш оварда мерасонад. Масалан, ҷавонзани ҳомила ба мо аз камхунӣ ва шамолхӯрии сахт шикоят кард. Баъди санҷиш маълум шуд, ки ҳомилаи 4 моҳааш беҳаракат аст. Дарҳол беморро ба табобатгоҳи марказӣ фиристодем. Вақте ҳомила 14 ҳафтаина мешавад, барои муайян кардани нуқсҳои модарзодӣ онҳоро ба маркази скринингӣ мефиристем. Баъди муайян шудани нуқсон ҳомила дар батни модар муолиҷа мегирад. Яке аз самтҳои рушди стратегияи сиёсати давлат ҳифзи модару кӯдак ва беҳсозии генофонди миллат ба шумор меравад. Аз ин боис, алҳол дар мамлакатамон ба мустаҳкам намудани пойгоҳи моддиву техникии марказҳои скринингӣ эътибори зиёд дода мешавад.

– Поликлиника ба кадом мактаб вобаста карда шудааст ва корҳо дар ин самт чӣ гуна идома меёбанд?

– Мактаби миёнаи рақами 32-юми ноҳияи Янгиҳаёт ба поликлиникаи оилавии мо вобаста карда шудааст. Якҷоя бо шифокори мактаб, масъулони бахши маънавият ва маърифати таълимгоҳ доир ба тарзи ҳаёти солим, маданияти хӯроккӯрӣ, гигиена, тозагии муҳиту атроф ва ҳоказо суҳбатҳо мегузаронем, – иброз намуд Ӯғилой Бобоева.

– Доир ба хулқи номақбули хонандагони синфҳои болоӣ, хусусан духтарбачаҳо ҳолатҳои дилхиракунандаро мебинему нашунавем. Чӣ ҷойи руст кардан, дар фалон мактаб духтарбачаи синфи даҳум ҳомила шудааст, ё худ, духтарбачаи синфи ёздаҳум таваллуд кардааст, ё барои он ки ҷавони дӯстдоштааш аз вай даст кашидааст, духтарак худкушӣ кардааст, барин воқеаҳои ба маънавияти мо бегонаро мешунавем. Корҳои тарғиботии шумо дар ин самт дар чӣ сатҳ аст?

– Дуруст мегӯед, технологияи замонавӣ, саҳифаҳои иҷтимоӣ ба наврасони мо, ки аз онҳо кӯркӯрона истифода мебаранд, ниҳоят таъсири манфӣ расонда истодааст. Духтарон модарони оянда-анд, онҳо бояд аз хурдӣ худро ба ин омода созанд. Суқут (аборт)-и аввалин барои ҳаёти модарони ҷавон хавфнок аст, ҳатто боиси бефарзандӣ ё худ фарзанди маълӯл таваллуд кардани онҳо мешавад. Масъулони «Мактаби саломатӣ», «Бригадаҳои саломатӣ» якҷо бо шифокори мактаб духтарони синфҳои болоиро зуд-зуд аз назорати гинекологҳо мегузаронанд, – гуфт дар поёни суҳбат Ӯ. Бобоева.

Қарори Президент «Дар бораи Барномаи давлатии дар кӯдакон саривақт муайян кардани бемориҳои модарзодӣ ва ирсӣ дар солҳои 2023-2027» дар ин соҳа дастурамали муҳим гардид.

Сӯҳбаторо

Саодат БЕКНАЗАРОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».



Давраи сеюми корхонаи муштараки «Ifoda agro kimyo himoya» ба истифода супурда шуд.

Корхонаи мазкур соле 115 ҳазор тонна пору органоминералии гранула истеҳсол менамояд, ки 125 миллиард сӯм арзиш дорад. Маҳсулоте, ки ба хориҷ содир мегардад, 7 миллион доллар арзиш дорад. Аз ҳама муҳимаш, бештар аз 100 ҷойи нави корӣ офарида шуд.

Барои ба амал баровардани лоиҳаи «Истеҳсоли пору органоминералии гранула», ки арзишаш 2,3 миллион доллар аст, аз ҳудуди МОИ «Намангон»-и ноҳияи Чуст 3 гектар майдон ҷудо карда шуда буд. Корҳои сохтмон дар муддати кӯтоҳ ҷамъбаст ёфт ва рӯнамоии он баргузор гашт. Дар он вакилони Агентии рушди байналхалқии ИМА USAID, собиқадорони меҳнат ва аҳли ҷомеа иштирок намуданд.

Дар сурат: *корхонаи муштараки «Ifoda agro kimyo himoya».*

Сурати ӮзА.

Забон воситаи муҳимтарини робита байни одамон аст ва дар айни ҳол пойдевори дӯстӣ, сулҳу субот, рушди муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошад. 35 сол муқаддам забони ӯзбекӣ дар Ӯзбекистон, яъне зимни қабули Қонун «Дар бораи забони давлатӣ» 21 октябри соли 1989 мақоми давлатӣ гирифт. Ин қадами нахустин буд ба сӯйи Истиқлолияти давлатии Ӯзбекистон. Дар моддаи 4-уми Конститутсияи нави Ӯзбекистон забони ӯзбекӣ забони давлатии Ӯзбекистон эълон шудааст.

ЗАБОН ҲАСТИИ МИЛЛАТ АСТ

Ӯзбекистон давлати сермиллат аст. Дар муассисаҳои таълими томактабӣ ва таҳсилоти ҳамагонӣ, донишгоҳҳо ба ҳафт забон таълиму тарбия пеш бурда мешавад. Тоҷикон аз ҷиҳати нуфус дар ҷумҳурӣ мақоми дуюмро ишғол мекунанд. Дар Ӯзбекистон 848 мактаби русӣ, 417 қазоқӣ, 377 қароқалпоқӣ, беш аз 250 тоҷикӣ, 60 қирғизӣ ва 43 мактаби туркманӣ фаъолият мекунанд. Ба забонҳои миллӣ рӯзномаву маҷалла ва китобҳо нашр ва аз тариқи телевизион ва радио барномаҳо пахш мешаванд.

Халқи Ӯзбекистон Рӯзи мақоми давлатӣ гирифтани забони ӯзбекиро бо тантана ҷашн гирифтанд. Чун ҳамаи муассисаҳои кишвар Рӯзи забони давлатӣ дар муассисаҳои таълимаш тоҷикии ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ (2 кӯдакистон ва 5 мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ) бо тантана ҷашн гирифта шуд.

Тадбирҳо собит намуд, ки тарбиятгирандагон ва донишомӯзони муассисаҳои таълимӣ ба забони давлатӣ озод ҳарф мезананд ва шеъру таронаҳои зиёд аз бар намудаанд.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

Вилояти НАВОӢ.

МАЗМУН ВА МОҲИЯТИ ҚОНУНИ НАВ

Президенти Ӯзбекистон ба Қонун «Дар бораи барҳӯрди манфиатҳо» имзо гузошт. Қонун ҳаҷман хурд бошад ҳам, барои ривоҷу равнақи давлату ҷамъият аҳамияти калон дорад.

Мафҳуми барҳӯрди манфиатҳо дар қонунгузории миллӣ бори аввал соли 2017 дар моддаи 3-юми қонун «Дар бораи мубориза алайҳи ришвахӯрӣ» шарҳу тавзеҳ ёфтааст.

Дар он манфиатдории шахсӣ (бевосита ё билвосита) дар идораву муассисаҳо ҳангоми вазифа аз мансаб сӯиистифода намудан, то андозае коста гардидани ҳуқуқу уҳдадориҳо ва дар натиҷа миёни ҷамъияту давлат ихтилофҳо рӯй дода, барҳӯрди манфиатҳоро ба миён овардан ва ё хавфи эҳтимоли ба вуқӯъ пайвастани он гуфта шудааст.

Ҳадаф ва ғояи асосии қонуни нав бо он аҳамиятнок аст, ки манфиатҳои ҷамъияту давлат ҳамеша аз манофеи шахсӣ боло меистад. Он барои ба ҷо овардани хидматҳо дар роҳи тараққиёти кишвар ба барҳам додани суиистифода аз ҷоҳу мансаб ва дар ин росто роҳ надодан ба муносибатҳои хешутаборӣ нигаронида шудааст.

Роҳ надодан ба муносибатҳои хешутаборӣ, таҳти ин мафҳум яъне дар зери дасти якдигар кор кардани онҳо ҳангоми харидҳои давлатӣ ва ба ҳамин монанд ҳолатҳо талқин карда мешавад.

Дар ин гуна ҳолатҳо қонун маҳдудкунӣ ва чораҳои зарурӣ пешбинӣ намудааст.

Чунончи, агар дар ягон муассиса ва ё ташкилоти давлатӣ якчанд нафар аз як авлод кор кунанд ва бештари онҳо дар зердасти шахси роҳбарикунанда қарор дошта бошанд, дар ин гуна ҳолатҳо мувофиқи қонуни нав бояд аз ин хусус тавассути хабарнома маълум карда шавад. Ба тарзи одӣ бигӯем, роҳбари муассиса бояд зердастони хешутабори худро аз кор сабукдӯш кунад.

Вагарна ин ба вайроншавии қонун ва ҷавобгарӣ оварда мерасонад.

Мувофиқи қарори Президент «Дар бораи чоравар тадбирҳои босамар ба амал татбиқ намудани «Қонун дар бораи барҳӯрди манфиатҳо» то 1-уми июли соли 2024 рӯйихати ташкилотҳое, ки қонунро ба амал татбиқ менамоянд, мураттаб карда шудааст.

Шахсоне, ки ба вайрон намудани қонун даст мезананд, тибқи моддаҳои дахлдор ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Ин чиз хосса дар моддаи 29-уми қонун ифодаи худро ёфтааст. Бо ин қонун ба кодекси ҷавобгарӣ моддаи нави 193-4 зам гардид. Дар моддаи нави қонуни мазкур дар назар дошта шудааст, ки барои вайрон намудани талабҳои «Қонун дар бораи барҳӯрди манфиатҳо» ҷавобгарии маъмурӣ мавҷуд аст. Дар он вобаста ба ҳолатҳо ва миқдори зарари молиявӣ аз 10 то 30 баробари ҳадди ақалл ситонидани ҷарима пешбинӣ карда шудааст.

Дар сурати ба давлат зарари молиявӣ расонидан, ин зарарро худи шахсе, ки ба барҳӯрди манфиатҳо роҳ додааст, пардохт менамояд.

Ойбек ЙӮЛДОШЕВ,
сардори шуъбаи адлияи ноҳияи Фориш.

МАҚСАД – БЕТАЛАФОТ ГУЗАРОНДАНИ ЗИМИСТОН!

Ҳукумат ҳар сол пеш аз оғози сармоҳои шадид барои зимистонгузаронии аҳолии деҳоти дурдасти кӯҳистон эътибори ҷиддӣ дода, ба ҳалли мушкилоти рӯзгори мардум мусоидат мекунад ва ба сокинони ин минтақаҳо кумакҳои зиёде мерасонад.

Беталафот гузаронидани фасли сармо дар солҳои 2024-2025 низ аз вазифаи муҳимми ҳокимиятҳои маҳаллӣ маҳсуб меёбад, ки дар ҳамин шабону рӯзон хеле доғ шудааст. Дар вилояти Қашқадарё барномаҳои зимистонгузаронии аҳолии деҳоти кӯҳистоннишин бо суръат дар амал татбиқ мегарданд.

Тибқи нақша, махсусан аҳолии деҳоти дур аз марказҳо бо сӯзишвории арзони ангиштсанг таъмин мешаванд. Ин чорабиниҳо дар ноҳияи Китоби вилоят низ дар амал татбиқ гашта, ба аҳолии як қатор деҳоти кӯҳистонии минтақа бо нархи арзон ангиштсанг тақсим карда шуд. Дар ин авохир ба самти ҷамоаи шаҳрвандони маҳаллаи «Кӯҳсор», ки қариб 70 километр аз марказ масофа дорад, корвони мошинҳои ҳомили сӯзишвории ангиштсанг роҳ гирифтанд ва ин навъи сӯзишвориро ба мардуми деҳоти ин кӯҳпоя расониданд. Ин кор аз ҷониби бахши қашқадарёвии Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Кӯмир таъминот» иҷро мегардад. Назар ба маълумот, як тонна ангиштсанг, ки идораи мазкур ба аҳолии деҳоти кӯҳистон тақсим мекунад, 309800 сӯм арзиш дошта, аз нархи озоди бозор хеле фарқ мекунад.

Раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Кӯҳсор» Салимҷон Норимов гуфт, айни ҳол ба минтақа 60 тонна ангиштсанг интиқол ёфта, интизор меравад, ки барои комилан таъмин намудани ниёзи мардум дар зимистон боз 150 тонна аз ин намуди сӯзишворӣ расонда шавад.

Алҳол анборҳои корхонаи «Кӯмир таъминот» 9600 тонна ангиштсанг захира доранд, ки бо навбат ба ҳамаи деҳоти дурдасти вилоят тақсим карда хоҳанд шуд.

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар вилояти Қашқадарё.

ХАБАРҲО

РОБИТАҲО РАВНАҚ МЕЁБАНД

Муносибатҳоямон дар як қатор риштаҳо ба халқҳои гуногунмиллати ҷаҳон, аз ҷумла, ба халқҳои араб торафт хубтар ба роҳ гузошта мешаванд. Ба наздикӣ намояндагӣ иборат аз доираҳои корчаллони Кувайт таҳти роҳбарии маслиҳатчии вазири корҳои хориҷии ин кишвар Аҳмад Алалаҷ ба мамлакати мо ташриф овард.

Меҳмонон дар Сирдарё низ шуда, ба ҳокими вилоят вохӯрданд. Қайд гашт ҳамкориҳо байни ду давлат вақтҳои охир ба дараҷаи нав баромадааст. Кувайт ба мо меваҳои ситрусӣ, маҳсулоти нафту кимёвӣ, асбобу ускунаҳо содир кунад, Ӯзбекистон дар навбати худ ба ин мамлакат орд, маҳсулоти бофандагиву дорувор ва меваи хушк ирсол менамояд.

Дар рафти қабул меҳмонон ба лоиҳаҳои наве, ки дар вилоят ба амал бароварда мешаванд, имтиёзҳое, ки ба сармоягузорон офарида шудаанд ва ҳолати инфрасохторе, ки дар вилоят мавҷуд аст, аз наздик шинос шуданд.

Сафари хидматии намояндагии вилояти Сирдарё ба Кувайт дар пеш аст.

ТЕХНИКУМҲО СОЗМОН МЕЁБАНД

Ҳаёт нишон дод, ки дар таълими касбии мамлакатамон норасоӣ ва номутаносибиҳо ба чашм мерасанд.

Барои бартарафсозии онҳо чораҳо андешида мешаванд. Акнун муассисаҳо аз рӯйи се самти пештара оптималӣ гардонида, дар заминаи онҳо навъи муассисаи ягона – техникумҳо созмон дода мешаванд ва аз рӯйи ҳамаи дараҷаву самтҳо кадрҳо омода месозанд.

Асоси муҳими ҳуҷҷатӣ дар самт фармони Президенти мамлакат «Дар бораи чорабиниҳои боз ҳам такмил додани омодасозии кадрҳои малаканок дар таълими касбӣ ва ҷорӣ намудани барномаҳои таълими байналхалқӣ» мебошад, ки 16 октябри соли равон ба имзо расидааст.

Акнун мустақилияти техникумҳо васеътар шуда, онҳо дар асоси талаби кордиҳандагон метавонанд то 30 фоиз адад ва соатҳои фанниро тағйир диҳанд ва барномаҳои иловагиро ҷорӣ намоянд.

ҚОНУНШИКАНӢ БАРТАРАФ МЕГАРДАД

Ходимони масъули вазорату идораҳо ва муассисаю ташкилотҳои давлатӣ мувофиқи қонунҳои «Дар бораи кафолатҳои озодии фаъолияти соҳибкорӣ» ва «Дар бораи хидмати шаҳрвандии давлатӣ» набояд ба соҳибкорӣ шуғл варзанд.

Вале навъе, ки Агентии мубориза алайҳи коррупсия дар натиҷаи тафтишот аниқ намуд, дар як қатор вазорату идора ва ташкилоти тасарруфи онҳо масъулон ба вазифаҳои худ аз паси панҷа менигаранд. Аниқ гардид, ки 160 нафар ходими идоракунанда таъсисгари 170 субъекти соҳибкорист.

Бинобар ин навъ қонуншиканиҳо ба вазорату идораҳои зикршуда тақдимоти агентӣ ворид карда шуд. Ҳолатҳои ногувор бартараф карда мешаванд.

М. ШОДИЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

МАКТАБИ НАВИ ОВУЛИ ЧУРУҚ

Овули қазоқнишини «Чуруқ»-и ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Шароф Рашидови ноҳияи Шофиркон дар самти шимолӣ ва 110 километр дуртар аз маркази ноҳия дар оғӯши дашт воқеъ гардида, 42 хонадон ва қариб 270 нафар аҳолӣ дорад. Машғулияти асосии сокинони овул чорводорӣ ва қисман деҳқонӣ аст.



Солҳои 70-уми асри гузашта дар ин ҷо аввалин таълимгоҳ бо чӯбу тахта созмон ёфта, солҳои минбаъда мувофиқи лоиҳаи замонавӣ барои 40 нафар талаба мактаби нав бунёд гардидааст. Соли 2016 бошад, бинои иловагии таълимӣ барои 30 нафар ба истифода супорида шудааст. Дар овул шуъбаи боғчаи бачагонаи деҳаи Деҳқонободи ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Ш.Рашидов (дорои 90 ҷой) ва бунгоҳи тиббии «Чуруқ» амал мекунад.

Солҳои охир таълимгоҳи ҳудуд ба таъмири ҷиддӣ муҳтоҷ буд. Аз ин рӯ, ҳокимияти ноҳия бо мақсади пурра таъмир намудани мактаб 1,5 миллиард сӯм маблағ ҷудо кард. Ҷараёни азнавсозии таълимгоҳро бинокорони ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Mega Abdulla Fayz story-2024» иҷро карданд. Дар натиҷа бинои нави замонавии мактаб, ки 90 нафар талабаро ба бар гирифта метавонад, тайёр гардид.

Дар маросими ба истифода супоридани бино ҳокими ноҳия Алишер Файзуллоев роҳбарони секторҳо, мутасаддиёни соҳа ва аҳолии овул иштирок карданд. Онҳо падару модарон ва ҷамоаи мактабро бо дастрасшавии бинои нави замонавӣ муборакбод намуда, дар соҳаи таълиму тарбия комёбиҳо орзу карданд.

Лентаи рамзӣ бурида шуда, ҳозирон вориди мактаб шуданд.

Имрӯз дар мактаби қазоқии 39-уми «Чуруқ» 25 нафар талабагон ба забони модарии худ таълиму тарбия мегиранд. 16 нафар омӯзгорони бомаҳорат (баъзеи онҳо соҳиби тоифаи олӣ ва сертификатҳои байналхалқианд) бо онҳо машғулият мегузаронанд.

Амрулло АВЕЗОВ,
мухбири «Овози тоҷик»
дар вилояти Бухоро.

ЗАБОНИ МОДАРӢ, МЕҲРИ ТУ ДАР ҶОН

Рӯзи забон

Сухан, то гул зи боғат чид тоҷик,
Дурахши рӯйи маънӣ дид тоҷик.

Суруди Рӯдакӣ то хонд булбул,
Садои зиндагӣ бишнид тоҷик.

Суханро Рӯдакӣ бар тахт биншонд,
Дариро шаҳписар гардид тоҷик.

Забон, бар чашм нуриву бинӯшад
Гумоне чашмаи хуршед тоҷик.

Дарӣ, дурри хушоб, оби ҳаётӣ,
Ту ҳастӣ зиндаву ҷовид тоҷик.

Забон, дар Рӯзи ту, к-он Рӯзи мо низ,
Зи нав гӯё бишуд тавлид тоҷик.

Муборак бод дамҳои саидат,
Забон, дар Рӯзи ту кард ид тоҷик.

Ин ту

Ҷу ман тоҷик, бар ман ном – ин ту,
Зи модар беҳтарин инъом – ин ту.

Ту мисле аллаву тифл аст дар маҳд,
Ба ҷони беқарор ором – ин ту.

Забони Меҳри ман дар Балху Кобул,
Забони Моҳи ман дар Шом – ин ту.

Дарии ман, китоби осмонӣ
Ба дасти Саъдиву Хайём – ин ту.

Малакҳо дар фалакҳо то ғазалхон,
Забони Ҳофизи айём – ин ту.

Дариям, дар Бухорову Самарқанд,
Забони Рӯдакибобом – ин ту.

Забонгумкарда

Забон гум кард ҳар кӣ, ор гум кард,
Ту гӯйӣ давлати бедор гум кард –
Бурун аз қаср гашту дарбадар шуд,
Дарӣ не, гӯиё дарбор гум кард.

Забони модар ин аҳвол кардӣ,
Сари он зер, қаддаш дол кардӣ.
Бале, эй «булбул»-и боғи дигарҳо,
Забони модари худ лол кардӣ.

Замон гум кард, вақте ақл гум кард,
Ҷаҳон гум кард, вақте ақл гум кард.
Зи модар рӯй он оқи падар тофт,
Забон гум кард, вақте ақл гум кард.

Забонгумкарда шеъри мо нахонад,
Забонгумкарда даври мо наронад!
Забони аҳли хулдии дариро,
Забонгумкарда донад ё надонад.

Забонгумкарда беҳуш аст, эй ёр,
Забонгумкардаро пиндор бемор.
Забон гум аз даҳон мекард ногоҳ,
Забонгумкарда гар мебуд ҳушёр?

Қадр бинмо

Забони модариро қадр бинмо,
Нишон болову ҷо дар садр бинмо.
Зи ҷон модарзабон гар дӯст дорӣ,
Ҳилоли меҳри онро бадр бинмо.

Забони модарие, ки азизӣ,
Китоб астӣ, китоби рӯйимизӣ.
Пур аз пандӣ, пур аз андарзу ҳикмат,
Биёмӯзем аз ту хуштамизӣ!

Забони модарӣ, меҳри ту дар ҷон,
Тӯӣ то пок, беолоиш имон.
Намегунҷем дар худ, рӯ занад шавқ,
Даме, ки ҳамзабони мост меҳмон.

Чӣ хуш, ҳамчун навозишҳои модар,
Ҳама ҳарфу ҳиҷоят рӯҳпарвар.
Гуворо ҳар дами соҳибзабонон,
Ту ҳастӣ дар даҳон то тозаву тар.

Забони мо, нишон аз асли моӣ,
Равон чун рӯд бахри васли моӣ.
Забон, эй поктар аз чашмасорон,
Гувоҳ аз тозагии насли моӣ!

Ш. МУҲАММАД.

Саломатӣ

ЧАРО ДАР БАЙНИ КӮДАКОН БЕМОРИҲОИ ЧАШМ МЕАФЗОЯД?

Пештар ҳангоми иштирок дар чорабинӣ, нишасту маҳфилҳо, гаштугузор дар кӯчаву хиёбонҳо, кам касонеро медидем, ки дар чашм айнак доштанд. Ҳоло баръакс аст. Дар ҳар чанд қадам бо нафарони айнакпӯш рӯ ба рӯ меоем. Сад афсӯс, ки теъдоди зиёди онҳо ҷавонон ва ҳатто наврасони мактабхон мебошанд. Мувофиқи маълумоти Созмони ҷаҳонии тандурустӣ ҳоло дар ҷаҳон тақрибан 2 миллиард ҳолати осебпазирии биноӣ ё нобиноӣ ба қайд гирифта шудааст. Беш аз 1 миллиарди онҳо ба далели пешгирӣ ва табобат накардани бемориҳои чашм ба амал омадаанд. Ин нишондиҳанда, яъне гирифторӣ ба бемориҳои чашм дар мамлакати мо низ хушҳолкунанда нест.



Мувофиқи маълумоти Хидмати матбуоти Агентии статистикаи назди Президент бино ба ҳолати 1 январи соли 2024 ба 1 050 200 нафар бори аввал ташхиси бемориҳои чашм ва дастгоҳҳои ёрирасони он гузошта шудааст, ки ин нишондиҳанда дар қиёси соли 2019 қариб ду баробар зиёд аст. (Дар соли 2019 дар 683300 нафар бори аввал бемориҳои чашм ва узвҳои ёрирасони он аниқ гардидааст).

Дар байни ин беморон ба беш аз 58 ҳазор нафар бори аввал ташхиси дурро дида натавонистан гузошта шудааст. Аз ин миқдор 14900 нафар кӯдакони то 14 сола, беш аз 11 ҳазор нафар наврасони 15-17-сола ва 32600 нафар ҷавонони 18 сола ва синнашон аз он боло мебошанд. Гайр аз ин, дар зиёда аз 25 ҳазор нафар катаракта аниқ гардидааст, ки беш аз 1000 нафари кӯдакони то 14 сола мебошанд.

Саволҳои барҳақ ба миён меоянд: худ чӣ гуна омилҳо боиси бемориҳои чашм, бахусус, хирашавии узви босира дар байни бачагон мегарданд? Чӣ тавр бемориҳои чашмро пешгирӣ кардан мумкин аст?

– Вақтҳои охир теъдоди бештари одамон аз бемориҳои чашм, аз ҷумла касалиҳои пардаи чашм, хуншории дохили чашм, наздикбинӣ, дурбинӣ, дурбинии синнусолӣ, бемориҳои илтиҳоби чашм, хирашавии чашм шикоят мекунанд, – гуфт мудири шуъбаи ташкилии услубии Маркази тиббии ихтисосонидашудаи илмиву амалии ҷумҳуриявии микрохирургияи чашм, катаракталог Мурод Темуров. – Мутаассифона, дар байни онҳое, ки аз хирашавии узвҳои босира шикоят мекунанд, ҷавонону кӯдакон зиёданд. Мувофиқи омор ва таҳлилҳо, солҳои охир дар миёни кӯдакону наврасон бемориҳои камбинӣ, миопия ва гиперопия бештар мушоҳида мегардад. Албатта, ин бо як қатор омилҳо вобаста мебошад. Яке аз омилҳо, ки боиси бемориҳои чашм дар кӯдакон мешавад, давраи ҳомилаи модар аст. Дар ин давра модар бе тавсияи табиб дору истеъмол мекунад ва ин боиси заифшавии узвҳои босираи кӯдак мегардад. Дар се моҳи аввали ҳомила модар набояд доруҳоро бидуни тавсияи духтур истеъмол намояд. Инчунин, никоҳи хешутаборӣ низ сабаби гирифторӣ ба бемориҳои чашм мешавад. Омили дигаре, ки боиси заъфи биноӣ мегардад, истифодаи аз меъёр зиёди телефонҳои мобилӣ, компутер, технологияҳои иттилоотӣ ва тамошои телевизор мебошад. Набояд фаромӯш кард, ки зиёда аз се соат истифода бурдани телефони мобилӣ дар як рӯз, тамошои беист ва нодурусти телевизор ба қобилияти визуалии бачагон таъсири манфӣ мерасонад.

Бино ба натиҷаи таҳқиқоти олимони аврупоӣ дар давоми рӯз зиёда аз се соат истифода намудани компютер на танҳо ба паст шудани биноӣ, балки ба хасташавии организм, вайрон шудани кори системаи асаб, номуътадил гардидани гардиши хун, бад шудани нафаскашӣ, дарди сар ва таъсири равонӣ оварда мерасонад.

– Ҳамчун мутахассис барои солим нигоҳ доштани чашм чӣ тавсияҳо медиҳед?

– Мо бояд пеш аз ҳама чораҳои пешгирикунандаро андешем. Масалан, машқҳои варзишӣ кунем, ки ин сустшавии қувваи чашмро пешгирӣ мекунад. Инчунин, ғизои солим низ муҳим аст. Норасоии витаминҳои А ва Е дар организм низ сабаби камшавии нури чашм мегардад. Истеъмоли бештари меваҳое, ки ранги зард доранд, маҳсулоти лӯбиёгӣ, гӯшт, равғани моҳӣ, сабзавот ва дигар хӯрокҳое, ки аз шир тайёр карда мешаванд, барои ҷилавгирии чунин бемориҳо мусоидат мекунанд. Одамоне, ки дар назди компутер зиёд кор мекунанд, бояд реҷаи корро риоя намоянд. Дар як сол як маротиба аз назорати духтури чашм гузаранд. Инчунин, ҳангоми кор истифодаи айнакҳои махсус мувофиқи мақсад мебошад. Чунки чунин айнакҳо чашмро аз зарари нурҳои электромагнитие, ки аз компутер пош мехӯранд, ҳифз менамояд.

Фаридуни ФАРҲОДЗОД,
мухбири «Овози тоҷик».

ДАР ДОИРАИ МАВЗӮЪ

Омилҳои асосие, ки ба биноии чашм ҳангоми истифодаи смартфон таъсир мерасонанд:

Масофаи наздик ба чашм. *Экрани смартфон одатан дар масофаи тақрибан 10-20 см аз чашм ҷойгир аст. Ин масофа, назар ба масофае, ки мо ба объектҳои дур нигоҳ мекунем, хеле наздиктар аст. Дар чунин масофаи наздик, мушакҳои чашм маҷбур мешаванд, ки доимо ба тасвир диққат диҳанд. Ин метавонад ба рушди миопия, астигматизм ва дигар нуқсонҳои визуалӣ расонад.*

Нурпошиҳои кабуд. *Экрани смартфонҳо нури кабуд мебарорад, ки ин ба рушди дегенератсияи макулярӣ мусоидат мекунад ва ин яке аз сабабҳои асосии аз даст додани биноӣ дар пиронсолӣ мебошад.*

Кам будани равшанӣ. *Мо аксар вақт смартфонҳоро дар торикӣ ё дар утоқҳои равшаниашон паст истифода мебарем. Ин метавонад боиси хастагии чашм, хушкӣ ва ҳатто дарди сар гардад.*

Барои кам кардани таъсири манфии смартфон ба чашм, мо бояд чунин қоидаҳоро риоя кунем:

– дар як вақт ба экрани смартфони худ зиёда аз 20 дақиқа нигоҳ накунед;
– ҳар 20 дақиқа танаффус намоед, то чашмонатон истироҳат кунад;
– смартфони худро аз чашмонатон на камтар аз 20-30 см дур нигоҳ доред;
– хусусияти филткунии нури кабудро истифода баред (агар смартфони шумо он функсияро дошта бошад).

ШУМОРАИ САЙЁҲОН МЕАФЗОЯД

Хушбахтона, сафи он-ҳое, ки Бухорои шарифро дидан, аз ёдгориҳои таърихии он баҳра бурдан мехоҳанд, сол то сол меафзояд. Дар давоми 9 моҳи гузаштаи соли равон ба ин ҷо 1 миллиону 118 ҳазор нафар сайёҳи хориҷӣ ташриф оварда, тавассути хидматҳои пешниҳод шуда содироти сайёҳӣ ба 279,1 миллион доллари ИМА расид.



Баробари ин, аз минтақаҳои ҷумҳуриамон бештар аз 3 миллион нафар аҳолии маҳаллӣ ба дидани Бухоро омада рафтанд. Солҳои охир дар шаҳри бостонӣ бунёд гардидани 60 объекти нави меҳмонқабулкунӣ, аз ҷумла 14 меҳмонхона, 10 хостел, 36 манзили меҳмонони оилавӣ ва ба фаъолият оғоз намудани онҳо омили муҳими афзоиши шумораи сайёҳон гардид. Илова ба ин, дар ҳудуд ба кор оғоз кардани 34 нафар туроператору турагентҳои нав ва дар натиҷа ба 177 нафар расидани шумораи онҳо самараи дилхоҳ дод.

Бояд таъкид намуд, ки то охири сол ба шаҳри шариф омадани беш аз 1,5 миллион нафар меҳмони хориҷӣ ва наздик ба 4 миллион нафар сайёҳони маҳаллӣ ба нақша гирифта шудааст.

Амрулло АВЕЗОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик»
дар вилояти Бухоро.

Ёдкард

«БАЪДИ МУРДАН НИШОНИ МО СУХАН АСТ...»

Ба назарам чунин менамояд, ки мо дирӯзакак суҳбат ва аз фаъолият дар бахши тоҷикии «Оинаи нилгун»-и Самарқанд (СТВ) ёд карда будем. Суҳбати дилнишин, ҳазлу мутоибаи беозор дошт ем. Дафъатан гуфтам, ки нияти дар бораи ӯ чизе навиштан дорам.

– Саросема нашавед, – чун ҳамеша бо табассум узр пеш оварда вай. – Ҳоло фурсат ҳаст. Ана баъд мебинем, қаламатон ба чӣ қодир аст.

Аммо бегоҳии 26 сентябр ғайричашмдошт ҳамсояи ӯ, собиқ корманди корҳои дохилӣ, полковник Шаҳобиддин Садриддинзода, ки аз ҳамқаламу ҳамдил будани мо огоҳӣ дошт, занг зада, ногаҳон фавтидани Юсуф Раҷабиро гуфт ва хоҳиш кард, ки ҳамкасбонро ба ҷанозаи ӯ хабар диҳам.

Рости гап, чанд лаҳза моту мабҳут мондам.

Чӣ илоҷ? Ҳарчанд ба ҷойи очерк таъзиянома навиштан гарон буд, бадард қалам ба даст гирифтам.

Юсуф 28 майи соли 1963 дар Самарқанд таваллуд шуд, дар мактаби ҳамагонии рақами 25-уми маҳаллаи Боғи майдон (ҳоло мактаби рақами 69-уми шаҳри Самарқанд) таҳсил гирифта, бо тақлид ба ҳамгузараш Ҳоҷиқурбон Ҳамидзода ба рӯзномаҳои «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (ҳоло «Овози тоҷик»), маҷаллаи «Машъал», рӯзномаи мактаббачагон – «Пионери Тоҷикистон» («Анбоз») хату хабарҳо менавишт.

Ҳар сол, ҳангоми анҷирпазӣ, хеши наздикашон шоир ва драманависи номдори тоҷик Наримон Бақозода аз Душанбешаҳр ба ҳавлии онҳо меомад.

Падари Юсуф Ҳотам Раҷабов боре дар омади гап ба ӯ гуфт, ки писараш ба соҳаи журналистика ҳавас дораду хату хабарҳояш дар матбуоти даврӣ чоп мешаванд.

– Ҳавас ҳаст, ҳамин бас аст, – ба ситоиши мухбири ҷавон пардохт Бақозода. – Маслиҳат ҳамин, ки бештар китоб ва рӯзномаву маҷаллаҳоро мутолиа кунад. Ана баъд ба мактаби олӣ дохил шуда, соҳиби диплом шавад, журналисти тайёр-дия. Воқеан, Боғи майдон макони эҷодкорон аст. Дар ин ҷо Ҳабиб Юсуфӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Болта Ортиқов, Ҳоҷиқурбон Ҳамидзода барин шоир, нависанда ва журналистон таваллуд шудаанд. Юсуфҷон низ аз қатори онҳо ҷой хоҳад гирифт...

Баъди гирифтани номаи камол меҳру муҳаббат ба адабиёт ва матбуот Юсуф Раҷабиро ба факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд овард. Вай солҳои таҳсил низ ҳамкории хешро бо матбуот идома дод. Шояд аз ҳамин сабаб баъди хатми он бо роҳхат ба идораи рӯзномаи «Овози тоҷик» омад. Маҳз дар ҳамин маркази матбуот ӯ истеъдоди хешро сайқал дод. Аммо он солҳо масъалаи ба қайдгузорӣ, яъне «прописка» ва манзили зист душвор буд. Аз ин рӯ, ӯ маҷбур шуд боз ба зодгоҳаш – Самарқанд баргардад.

Хушбахтона, соли 1991 телевизиони Самарқанд (СТВ) таъсис ёфт ва ӯ нахустин муҳаррири бахши тоҷикӣ таъин гардид. Дертар дар рӯзномаи «Овози Самарқанд» низ кор кард. Солҳои охир дар мактаби зодгоҳаш бо корҳои фарҳангӣ ва тарбияи эҷодкорони ҷавон машғул буд. Аз ҳама муҳимаш, бо ҳамсари меҳрбонаш Дилфуза Зубайдуллоева писару дахтарашро табъи дил таълиму тарбия дод. Панҷ нафар набераҳояш ба бобоҷони бибиҷон олам-олам хурсандӣ мебахшиданд.

Вале сад афсӯс, ки ба дарди бедаво печиду чашм аз олам пӯшид ва ба Ҳақ пайваст. Ёру дӯстон, хешу пайвандон, шогирдону ҳамкасбон Юсуфи эҷодкори хоксору росткор, ҳақиқату адолатпарастро ба роҳи охирин гусел карданд. Ба ҳамин муносибат хеле мардум дар маркази гузари Чилсутун ҷамъ омаданд. Имом-хатиби масҷиди ҷомеи Нисбатдор домулло Сатторамак ва дигарон қабл аз хондани ҷанозаи майит хислатҳои неки ӯро ба хотир оварданд. Ба падари 94-солаи вай Ҳотамбобо Раҷабов ва модараш Эварахола Неъматова сабри ҷамил хостанд.

– Юсуф Раҷабӣ ҳамгузари ман буд, – мегӯяд ҷонишини муҳаррири рӯзномаи «Овози Самарқанд» Тошқул Азимзода, – вай бо эҷодиёти худ дар дили хонандагон, шогирдон ва дӯстонаш боқӣ хоҳад монд. Ба ин маънӣ шоир хеле бамаврид гуфтааст:

Баъди мурдан нишони
мо сухан аст,
Оташи корвони мо
сухан аст.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори
«Овози тоҷик»
дар вилояти
Самарқанд.

СЕМИНАР ОИДИ «ИНТИХОБОТ ВА ҶАВОНОН»

Дар бинои Маркази фарҳанги ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ бахшида ба иштироки ҷавонон дар ҷараёни сиёсӣ ва ташаккули дониши ҳуқуқии ҷавонон семинари таълимӣ баргузор гардид.

Дар семинар намояндагони ҷавонон аз ҳамаи ҳавзаҳои интихоботии ноҳия иштирок намуданд.

Дар ҷараёни чорабинӣ ҷавонон ба суолҳои худ посух гирифтанд.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти НАВОӢ.

МАНЗАРАҲОИ ДУРУ НАЗДИКИ РӮЗГОРИ МАРДУМ

Дар Маркази маънавиёт ва маърифати вилояти Сирдарё бо ташаббуси Донишгоҳи давлатии Гулистон таҳти мавзӯи «Ҷойгоҳи арзишҳои Ӯзбекистон» намоиши санъати тасвирӣ баргузор гардид.



Дар он устоди факултети рангбории донишгоҳ Тоҳир Шоҳмуродов ва шогирдони ӯ расмҳои хешро ба маърази тамошо гузоштаанд. Дар чорабинӣ роҳбарони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ, аҳли санъат, донишҷӯён, наққошони касбӣ, санъатшиносон ва алоқамандони ҳунари тасвирӣ ширкат варзиданд.

Ҳокими вилоят Акмалҷон Маҳмудалиев таъкид кард, ки осори бадеию таърихӣ, тасвирҳо, лавҳаҳои гуногуни рӯзгорро дар худ ба таври ҳамешагӣ инъикос менамоянд. Бинанда ба онҳо нигоҳ карда, манзараҳои дуру наздики рӯзгори мардумро пеши назар меорад. Ватан, ҳуввияти миллӣ, зиндагии хушбахтона, лаҳзаҳои кӯдакӣ, таърих ва имрӯз, инсону табиат дар эҷодиёти рассомон дар ҳамоҳангии образу рангҳо моҳирона ифода ёфтааст. Пас, онҳо таърихро дар худ муҷассам мекунанд.

— Самарабахшии санъати тасвирӣ, ки ба накӯкорӣ, сулҳ, ризоият, маърифат нигаронида шудааст, оиди фарҳангу санъати халқӣ, мероси моддиву маънавии гузаштагонамон ва асарҳои онҳо маълумоти муфассал медиҳад, — гуфт Шоҳмуродов.

Таъкид гардид, ки дар асарҳо меҳри Модар, фарҳанг, анъана ва табиати нотакрор манбаи бепоёни илҳоми рассом ба шумор меравад. Акси биноҳои давлативу таърихӣ, боғҳои истироҳатӣ, гулдухтарони миллатҳои гуногун, пирони барнодил, лаҳзаҳои ҷашнӣ, маҳсулоти ҳунармандӣ ва дигар ашёҳое, ки дар бораи табиат ва ҳаёти Ӯзбекистон нақл мекунанд, аз ҷониби рассомҳо моҳирона инъикос шудааст.

Далер АЗИЗОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

Вилояти СИРДАРЁ.

Машъалони маориф

ТО ИН КИ ТИФЛ ХОНАДУ СОҲИБҲУНАР ШАВАД...

Ҳар киро устод набвад, кор бар бунёд нест,
Дар раҳи маънӣ рафиқе беҳтар аз устод нест.
Ҳусайн Воизи КОШИФӢ.

Агар барои барқарории табиати зинда дар олами ҳастӣ обу ҳавову хоку офтоби дурахшон лозим бошад, барои бо роҳи дониш рафтану соҳибмаърифат гардидан ва фаровонии зиндагии инсон омӯзгор нақши муҳим дорад.

Омӯзгор. Зери ин мафҳум нафаре пеши назар меояд, ки ҳастии худро ба омӯзонидани дигарон бахшидааст наврасонро ба роҳи рост ҳидоят менамояд. Беҳуда омӯзгорро чароғи ақлу нури маърифат, рӯзгору машъали хирад нагуфтаанд. Давлату хушбахтии омӯзгор ин таълиму тарбияи шогирдон мебошад. Ӯ аз пешрафт ва комёбии онҳо хушнуд ва ифтихор мекунад. Дар роҳи донишомӯзии шогирдон аз волидони онҳо дида бештар заҳмат мекашад. Кори таълиму тарбияи кӯдакону наврасон кори осон нест, он масъулияти бештарро тақозо дорад, омӯзиш, ҷустуҷӯйи доимиро талаб мекунад. Ба ин маънӣ Ибни Ямин фармудааст:

То ин ки тифл хонаду
соҳибҳунар шавад,
Устоди меҳрубони ӯ хуни
ҷигар шавад.

Омӯзгор бо кӯдакону наврасон сару кор дорад. Онҳо шабеҳ ба навниҳоланд. Тарбияву таълими наврасон аз омӯзгор маҳорат ва дониши васеъ тақозо дорад. Кори омӯзгорӣ иштибоҳро намебахшад. Пояндагии миллат, рушду нумӯи кишвар аз дуруст ба роҳ мондани кори таълиму тарбия вобаста аст. Ҳини суҳбат Тангир Раҳмонов далели аҷиберо ёдрас намуд:

– Дар пештоқи Донишгоҳи Стелланбос дар Африқои Ҷанубӣ лавҳае овезон аст: «Барои маҳв кардани миллат бомбаи атомӣ ва ё мушакҳои дурпарвозкунанда лозим нест. Танҳо сифати таълимро паст карда, ба рӯйбардорӣ аз дафтар иҷозат диҳед кифоя.

Дар натиҷа: Беморон аз дасти чунин духтурон мемиранд; биноҳо аз дасти чунин меъморону муҳандисон фурӯ мераванд; маблағҳо аз дасти чунин иқтисодчиёну муҳосибон ба бод меравад; адолат аз дасти чунин қозиҳо нест мешавад; пастии таълим – маҳви миллат аст».

Имрӯз дар роҳи пуршарафи омӯзгорӣ нафарони зиёде паси кор мебошанд, ки бо фаъолияти пурсамари хеш шогирдони зиёдеро ба роҳи дониш раҳнамоӣ месозанд. Яке аз чунин омӯзгорон омӯзгори мактаби рақами 30-юми ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ Тангир Раҳмонов мебошад.

Тангир пас аз хатми факултаи кимиёи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дар мактаби зодгоҳ ба фаъолияти омӯзгорӣ шурӯъ намуд. Ба шогирдон аз кимиё сабақ медиҳад. Меҳру муҳаббат ба касб ва дарки масъулият буд, ки миёни ҷамоа дорои ҷойгоҳи махсус мебошад. Қаҳрамони мо омӯзгорест, ки мӯйи сараш дар ин ҷода ба сафедӣ омада.



Фаъолияти пурсамар ва ташкилотчигии Тангир буд, ки соли 2019 директори мактаби рақами 30 таъин гардид. Ҳар гоҳ шогирдонаш дар роҳи дониш ба дастоварде ноил мешаванд, ӯ хушҳол мегардад, аз ин ки дар рушди малакаи зеҳнии наврасону ҷавонон саҳм гузоштааст. Фахр дорад бо шогирдонаш.

Ӯ ифтихор дорад, ки мактаби рақами 30 ҷамоаи аҳлу солим дорад. Сад андар сад омӯзгорон дорои маълумоти олӣ мебошанд. Ифтихор дорад аз омӯзгорони соҳибтаҷриба чун Абдураҳмон Раҳимов, Дилмурод Қӯзиев ва Султон Султонов ва омӯзгорони ҷавон Ғиёс Зайнуддинов, Раҳим Набиев, Фахриддин ва Нуриддин Нурназаровҳо, ки имрӯз дар паҳлуи устодони худ сарбаландона дар таълиму тарбияи насли наврас саҳм мегиранд.

Имрӯз мактаби рақами 30, ки таълим ба забони тоҷикӣ пеш бурда мешавад, байни мактабҳои ноҳия дар ҳама ҷабҳаҳои таълиму тарбия тибқи рейтинг яке аз мақомҳои аввалро ишғол намудааст. Се соли охир аст, хатмкунандагони мактаб 100 фоиз ба донишгоҳҳо дохил шуда истодаанд. Соли равон низ 12 нафар хатмкунандагони мактаб ба донишгоҳҳо дохил шуданд. Шукрона Суярқулова, Гулфина Акрамова, Ҳусин Саидов, Озод Муҳаммадов, Руфина Нурназарова ва дигарон ба унвони мубораки донишҷӯ сазовор гардиданд.

Бисёр дастпарварони собиқи мактаб дар ҷабҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ самаранок кор карда, ба обрӯ ва эътибор сазовор шудаанд. Ҳамдеҳагон бо доктори илмҳои техникӣ Ҷовиди Эгамзод, муҳандисони барномасоз Баҳриддин Бозоров, Манучеҳр Раҳмонов, Манучеҳри Султон, духтури кӯдакон Шӯҳрат Субҳонов, соҳибкорон Эгам Эгамов, Шоҳрӯз Субҳонов ва чандин нафари дигар, ки дар рушду нумӯи кишвар саҳм мегиранд, ифтихор доранд. Ифтихор доранд, ки имрӯз чун Аваз Муҳаммадов, Хушнуд Раҳимов, Нафиса ва Интизор Раҳмоновахо, Умедҷон Зайнуддинов, Амриддин Нуруллоев ва даҳҳо нафари дигар дар донишгоҳҳо таҳсил мекунанд.

– Дар дастгоҳи кории омӯзгор чӯбу оҳан не, балки одам сайқал меёбад. Маҳз туфайли даву този роҳбари мактаб бинои кӯҳнаи бо роҳи ҳашар бунёдгардидаи мактаб аз нав пурра таъмир шуд. Коргоҳи омӯзгорон имрӯз бо техникаву технологияи замонавӣ таҷҳизонида шудааст. Албатта, ҷое, ки кор ҳаст, норасоӣ ҳам мешавад, – мегӯяд роҳбари мактаб Т. Раҳмонов. – Аз сабаби набудани баъзе факултаҳои таълимӣ ба забони тоҷикӣ дар донишгоҳҳои ҷумҳурӣ мутахассисони баъзе фанҳои таълимӣ намерасанд, чун омӯзгорони таърих, мусиқӣ ва ҳоказо. Дар панҷ мактаби таълимаш ба забони тоҷикии ноҳия аз фанҳои номбурда асосан омӯзгорони аз маҳаллаҳои дигар омада ба забони давлатӣ таълим медиҳанд. Дар факултаи таърихи Донишгоҳи давлатии Самарқанд гурӯҳи тоҷикӣ боз шуда буд, аз чӣ бошад онро пӯшониданд. Як нафар хатмкардаи мактаби мо он ҷо таҳсил мегирад. Ин омилҳо ба фаъолияти минбаъдаи мактабҳои миллӣ бетаъсир нахоҳад монд.

Дилмурод ҚӮЗИЕВ,
хабарнигори ҷамоатии «Овози тоҷик».
Вилояти НАВОӢ.

Дар ҷевони китоб

ТУҲФАИ УСТОД



Устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд, муаллифи асарҳои илмӣ ва таълимӣ Абдуваҳҳоб Воҳидов дар арафаи мавлуди хеш сазовори туҳфаи аҷиб шуд. Асари тозанашри ӯ «Луғати мухтасари фразеологии лаҳҷаи тоҷикони Самарқанд» дастраси мухлисон, донишҷӯёну ҳаводорони соҳа гардид. Дар китоби мазкур панҷ ҳазору сесаду бисту ду воҳиди фразеологӣ аз лаҳҷаҳои мардуми тоҷики шаҳри бостонӣ ва атрофи он гирд оварда шудаанд. Тавре ки дар сарсухан таъкид мегардад, дар мураттаб сохтани асари мазкур аз мақола, рисолаҳои тадқиқотӣ ва китобҳои илмии олимон Расул Ҳодизода, Баҳром Шермуҳаммадов, Рауф Маъруфӣ, Абдунабӣ Зоҳидов ва дигарон истифода шудааст. Бояд гуфт, ки дар асарҳои нависандагони шинохтаи тоҷик Абдусалом Деҳотӣ, Фотеҳ Ниёзӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Болта Ортиқов, Адаш Истад, ки фарзандони фарзонаи шаҳри бостонӣ ҳастанд, ба воҳидҳои фразеологии лаҳҷавии зиёде дучор мешавем, ки адибон ба хотири фардӣ кунонидани гуфтори қаҳрамонони асарҳои худ истифода бурдаанд.

Масалан, агар ибораҳои «бӯ баровардан» (дар арафаи маросимҳои динӣ пухтани чалпак ё бӯғурсоқ), «гӯш ба қимор шудан» (ба шунидани хабаре ҳозир будан) ва монанди инҳо ба қалами Абдусалом Деҳотӣ мансуб бошад, «чӯт надидан» (бефоида будан), «ҷавоби нимғурма» (ҷавоб, посухи ноаниқ), «Худо зиёд дидан» (маҳрум шудан, бенасиб гардидан) дар асарҳои Фотеҳ Ниёзӣ, «шиғил андохта» (ҳосили ниҳоят фаровони дарахтони меванок), «каттагӣ кардан» (калонгирӣ кардан), «моли асил» (чизи хуб), «одами қайсар» (одами якроҳа, гарданшах) дар наввиштаҳои Фазлиддин Муҳаммадиев, «сарам-дилам» (сарсарӣ, мувофиқи табъ набудан), «дандон ба дандон мондан» (аз ноилоҷӣ сабру тоқат карда нишастан), «афту дарафт кардан» (чангу ҷидол кардан) ва амсоли инҳо дар осори Болта Ортиқов ба мушоҳида мерасанд.

Хулоса, олами фразеологии лаҳҷаи тоҷикони Самарқанд баҳри беканор аст ва чӣ қадаре ба қаъри он фурӯ равед, ҳамон қадар дурру гавҳарҳои нав ба навро метавонед пайдо кард.

– Камина аз олимон, профессорон Садрӣ Саъдиев, Дилмурод Ҳомидов, Гулноза Адашуллоева ва дигарон, ки бо маслиҳати судманд баҳри ҳарчӣ пурратар шудани луғат ва дурусту саҳеҳтар тафсир ёфтани воҳидҳои фразеологии лаҳҷавӣ кумаки беминнати хешро дареғ надоштанд, бағоят сипосгузорам, – мегӯяд Абдуваҳҳоб Воҳидов.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки номбурда нахустмуаллифи «Дастури забони тоҷикӣ барои синфҳои 1-4», китоби дарсии «Забони модарӣ» барои синфҳои як ва дуюм ва муаллифи беш аз 15 дастури таълимиву услубӣ мебошад.

Воҳидов бо сафарҳои хидматӣ ва эҷодӣ дар Русия, Олмон, қитъаи Амрико, Британиёи Кабир, Ҳиндустон, Эрон, Тоҷикистон, Афғонистон ва ғайра шудааст. Беш аз 15 сол вазифаи раиси Маркази милливу фарҳангии тоҷикон ва тоҷикзабонони Самарқандро дар ӯҳда дошт.

Вай бо ордени «Дӯстӣ»-и Тоҷикистон ва як қатор нишонҳои сарисинагии кишвар ва рамон мукофотонида шудааст.

Мо Воҳидовро бо китоби нав табрик гуфта, ба устод комёбиҳои нав ба нав таманно дорем.

Баҳодури ЗОҲИР,
хабарнигори ҷамоатии «Овози тоҷик».
Вилояти САМАРҚАНД.

АЗ ПАСИ ВОЛИДАЙН



Чанде пеш ба Дилором Усмонова аз садорати таълими халқи шаҳри Самарқанд хабар доданд, ки вай ба муносибати Рӯзи муаллимон ва мураббиён бо нишони сарисинагии «Аълочии таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон» сарфароз шудааст ва пагоҳ дар ҳокимияти вилоят маросими мукофотсупорӣ мешавад. Ӯ ҳатман омаданаш зарур аст.

Рӯзи дигар, ки дар партави аввалини нури хуршеди оламафрӯз, ки ҳусну латофати тирамоҳи зарринро ба ҷилва медоду насими ҷонпарвар маҳин-маҳин вазида, бӯйи хуши гулу рустаниҳои Самарқандро ба машом мерасонд, Дилором бо либоси идона ва таъби болида рӯ ба сӯйи бинои ҳокимияти вилоят овард. Ва беихтиёр дар лавҳи хотираш башорати собиқ директори мактаби рақами 22-юми гузари Сӯзангарон раҳматӣ Қуддус Расулов омад, ки соли 1989 рух дода буд...

Он айём ӯ на ҳамчун талаба, балки омӯзгори дипломдор бо роҳхати Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба остонаи таълимгоҳи азизаш бо орзуҳои ширин қадам мегузошт. Дар оғуши хайёлот худ бехабар монд, чӣ тавр ба қабулхонаи саркори мактаб расид. Ӯ танҳо вақте ба худ омад, ки дар китфаш гармии дасти модари муқаддасу ғамхори хешро ҳис намуд. Аз нигоҳи маънидоронаи волидаи мукаррама маълум буд, ки изтиробу ҳаяҷон ва эҳсоси ботинии духтараш аз вай пинҳон намондааст.

– О, ҷони оча, – фарзандашро меҳрубонона ба оғуш гирифт модараш Маҳбуба Мӯъминова, – ман ҳам дар синни ту ба якумчаҳо савод меомӯзондам, лекин ба ҳаяҷону таҳлука наафтода будам. Медонам, изтироб низ аломати масъулиятшиносист.

Ҳамин вақт директори мактаб Қуддус Расулов аз утоқи кории худ берун баромада, онҳоро ба дарун таклиф кард.

– Духтарҷон, мақоле ҳаст, – хӯҷҷатҳои Дилоромро аз назар гузаронида барафзуд ӯ, – ҷойи аспро тойча мегирад. Модаратон таҷрибаи кофӣ доранд ва ба шумо аз асрори касби педагогӣ огоҳӣ хоҳанд дод. Ана сонӣ шумо бо гузашти айём чун муаллимаи фозилу доно Мӯъминова соҳиби унвонҳои баланд мешавед...

Дилором Усмонова ба бинои ҳокимияти вилоят ворид гашт. Аз дасти ҳокими вилоят нишони сарисинагии «Аълочии таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон»-ро гирифт. Замоне модари ӯ низ бо чунин нишон ва мукофоти умумиттифоқии давлатии ба номи Надежда Крупская сарфароз гардида буд.

Илоҳо рӯҳашон шод ва хонаи охираташон обод бод, раҳматӣ модараш Маҳбуба Мӯъминова кӯшиш ба харҷ дод, ки ҷигаргӯшааш дар ҳар ҳолат пуртоқат, некбин, дурандешу ботамкин бошад.

Албатта бо хонандагони хурдсол зуд забон ёфтану соҳиби дониш кардан осон набуд. Охир табиати хурдтаракон ба ҳама маълум. Онҳо шӯхию бозиро дӯст медоранду ҳамеша беқарору кунҷков ва ғайратманд мебошанд.

Чӣ ҷойи руст кардан аст, агар омӯзгор ҷараёни дарсҳоро ба завқу шавқи онҳо мувофиқ накунад, бешубҳа шогирдаш аз хондану навиштан дилсард мешавад. Бинобар ин, Дилором Усмонова кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки бо ширинзабонӣ, навозишу ситоиш таваҷҷуҳи онҳоро ба худ кашад, рӯҳашонро болида созад. Саводомӯзии писаракону духтаракони беқарор бо истифодаи бозиҳои шавқовару дилнишин, хондани афсонаҳои дилчаспу хушанҷом, сайр ба оғуши табиат толибилмонро ба таълиму тарбият шавқманд намуд.

– Муаллим муҳандиси рӯҳияти инсон аст, – мегӯяд Дилором Усмонова, – боиси хушнудист ва ифтихор аст, ки асрори касби педагогиро аз модари муқаддасу падари бузургворам омӯхта, ҳоло таҷрибаи хешро ба омӯзгорони ҷавон ёд медиҳам.

Дар солҳои охир бо ташаббус ва дастгирии Саркори давлатамон бисёр қонун, фармон ва қарорҳо оид ба рушди таълиму тарбият қабул гардида, корҳои муфид ба амал татбиқ мегарданд.

Чанде пеш Президенти мамлакат муҳтарам Шавкат Мирзиёев ба муносибати Рӯзи муаллимон ва мураббиён бо намояндагони соҳа мулоқот ороста чунин гуфтанд: «Маориф аз ҳама соҳаҳои муҳимтарин аст, мактаб муҳимтарин муассиса ва касби омӯзгорӣ аз ҳамаи касбҳо шарафноктарин аст. Барои ман шахсан муаллим шахсест, ки аз ӯ нур меборад.

Онҳо шахсоне мебошанд, ки ҳамеша дар сафи пеши замони мо меистанд, ватандӯстони содиқ ба халқи худ мебошанд. Аз ин рӯ, халқи мо бузургтарин сарвати худ – таълиму тарбияи фарзандони худро да муаллимон бовар карда месупорад».

Ба таъкиди Президент таълим – соҳаи аз ҳама рӯзмарра, мактаб – муассисаи муҳимтарин, омӯзгорӣ – аз нақибтарин касбҳо мебошад, мо ба масъалаи мазкур камарбаста ҳастем.

Д. Усмонова таъкид намуд, ки ман аз паси волидон рафта, аз касби худ ҳам бахту ҳам қадр ёфтам.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

НАБАРДИ ҶОВИДОНА



Камина аз овони мактабхонӣ мухлис ва хонандаи муаллифи ин мақмӯа, яъне омӯзгор, журналист, тарҷумон ва шоири зуллисонайн Пайғом (Тӯхтамиши Боқӣ) мебошам. Мавсуф аз зумраи адибони сермаҳсули форсигӯйи кишвари мост. Ӯ ҳам дар назм ва ҳам дар наср асарҳои мондагор эҷод кардааст. Дар баробари ин дар тарҷумаи асарҳои бадеӣ, ба хусус аз забони ӯзбекӣ таҷрибаи ғанӣ дорад.

Пайғом солҳои охир бештар дар жанрҳои насрӣ менависад, қаламҳояш дар матбуоти даврии Ӯзбекистону Тоҷикистон интишор ёфтаву мавриди таваҷҷуҳи муштариён қарор гирифтаанд. Ба наздикӣ китоби нави ӯ бо номи «Набарди ҷовидона» дар нашриёти «Маҳорат»-и Самарқанд рӯйи чопро дида, пешкаши ҳаводорони адабиёт гардид. Он мақмӯаи сеюми Пайғом мебошад. «Набарди ҷовидона» асосан аз навиштаҳое, ки ба жанри ҳикоя, новелла ва тарона тааллуқ доранд, мураттаб шудааст. Навиштаҳои ӯ, ки самимианду аз дил мебароянд, ба дилҳо ҷой мегиранд. Ҳикоя ва новеллаҳои Пайғом ҳама ҳаётӣ ҳастанд, яъне бардоштаҳое аз зиндагии воқеӣ мебошанд. Бештари қаҳрамон ва персонажҳои ҳикояву новеллаҳо бо Пайғом ё ҳамдиёру ҳамгузар, ё ҳамсолу рафиқ, ё хешу таборанд.

Дар навиштаҳои «Набарди ҷовидона» самимияти гуфтору нақли муаллиф бештар эҳсос мегардад, ки ин муштариёнро бефарқ намегузорад. Муҳтавои китоб хонандаро ба омӯхтани илму дониш, хислатҳои неки инсонӣ, шукргузорӣ, меҳнатдӯстӣ, эҳтиром ба падару модар, саҳмгузорӣ ба рушду равнақи ҷамъияту Ватан ва ба инсофу диёнат даъват менамояд. Ин омилҳо барои тарбияи ҷавонон ва ба роҳи рост ҳидоят кардани онҳо дастурамали хубест.

Ба қавли муаллифи сарсухан нависанда Бахтиёри Ҷумъа «Ба назари ман, аз шеърҳояш дида, асарҳои насриаш сазовори диққатанд. Ин аз мақмӯаи «Шеваи пойиз» ҳам бараъло намоён аст. Ӯ дар навиштани ҳикояю эссеҳо роҳи равиши хоси худро дорад. Барои тақвияти фикр дар оғоши баъзе ҳикояҳояш ҳикмату байтҳои обдоре меорад. Гӯё бо мухтасарбаёнӣ мазмуну муҳтавои бисёреро ғунҷоиш додан шиори эҷодии ӯст. Пайғом кӯтоҳбаёнӣ кардан, гапҳои тахи дилашро бо сенуқтаҳо илҳо менамояд. Дар тасвир ва ифодаи мақсаду маром аз забон ба заргарона истифода бурдан мекӯшад. Бинобар ҳамин, аксари навиштаҳояш ба дилу рӯҳи хонанда панҷа зада, ба дурудароз андеша кардан мақбур месозад. Дили соф ва виҷдони поки эҷодкор ҳам ба ин такон мебахшад. Бинобар ҳамин, ӯ ҳаргиз тамошобин шуда наметавонад. Ба беадолатӣ ва носозиҳои рӯзгор муросокор нест ва бар зидди онҳо овоз баланд менамояд».

Ҳарчанд Пайғом имрӯз дар ҳалқаи фарзандон ва наберагон даврони пирӣ меронад, аз эҷоди наср ва назми тару тоза даст накашида, пайваста бо ду забон шеър мегӯяд, ҳикояю новелло менависад, асарҳои классикони ҷаҳон, шоиру нависандагони ӯзбекро ба тоҷикӣ, осори эҷодкорони тоҷикро ба ӯзбекӣ тарҷума мекунад.

Ҷавонону наврасон ва мухлисони хешро чун ҳамеша бо асарҳои баландмазмунаш ба роҳи дуруст илҳо менамояд.

Далер АЗИЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Таърихи диёрро меомӯзем

ҚАСИДАИ НАМИРАНДАИ ҶӮЙИ МӮЛИЁН

Дар адабиёти классикии тоҷик асарҳои зиёде мавҷуданд, ки бо гузашти давр кӯҳна нашуда, баръакс муштариёни зиёди худро пайдо мекунанд. Яке аз чунин асарҳо қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён»-и Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад.

Ҷӯйи Мӯлиён, ки бо васф кардани Рӯдакии бузург машҳуру маъмул гашт, то ҳол барҷост, яъне дар хидмати мардум буда, замину киштзорҳоро бо об таъмин менамояд. Доир ба дар куҷо ҷойгир будани ин ҷӯй борҳо навиштаанд ва дар рӯзномаи «Овози тоҷик» низ дар ин бора маводҳо эълон гардида буд. Яке аз тахминҳо чунин аст, ҷӯйи Мӯлиён се километр шимолтар аз шаҳраки Галаосиё, ки маркази ноҳияи Бухоро ба ҳисоб меравад, аз шарқ ба ғарб ҷорӣ мешавад. Чуқурии он дар айни ҳол 3 метр, бараш дар андозаи 3,5 метр мебошад. Обро аз дарёи Зарафшон мегирад. Дар гузаштаи дуру наздик мардум аз сабаби серобӣ бисёр осиёби обиро ба болои ин ҷӯй шинонда, бори умр кашидаанд. Аз ин ҷиҳат ин мавзеъ «Галаосиё» ном дошта, «гала» дар ин ҷо маънои «бисёр»-ро медиҳад, «осиё» бошад, асбоби гандумро ба орд табдилдиҳанда.

Ба офарида шудани қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» зиёда аз ҳазор сол гузашта бошад ҳам, мисли он мисраъҳои равону суфтаро адабиёти ҷаҳон кам дидааст. Қасида ҳамчун суруди миллии Бухорои Шариф дар анҷуманҳо танин андохта, аз ин шаҳри кӯҳнабунёд ёде мекунад. Дар иҷрои ҳунарманди номвар Ҷӯрабек Муродов дар минбарҳои олимақоми ҷаҳон ҷарангосо садо дод. Дар анҷумани самарқандии мақомхонон дар Регистон аз тарафи санъаткорони эронӣ иҷро карда шуд.

Дар қасида мадҳи Ватан, хумори замин, тасвири номи ҷойҳои пазмонии диёр, ҷойҳои ба диққат сазовори мамлакат инъикос гардидааст, ки беихтиёр дар тасаввури шунаванда падид меояд. Гузаштани умрро бинед, ки чанд давру замонҳо иваз шудаанду ин шеър гӯё ҳозир иншо гардида, дили ҳассоси шунавандаро ба вачд меорад:

Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.
Реги Омуву дуруштии роҳи ӯ
Зери поям парниён
ояд ҳаме...

Алимурод ТЕМИРОВ,
ноҳияи Шофиркони
вилояти Бухоро.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.
Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1028.
Адади нашр 4192. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
М. Шодиев.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 22.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.